«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
________________
«20» январи с. 2023

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

оид ба мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси №5/1 аз 4 ноябри соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ соли 2000 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 2005 онро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намуда, аз соли 2018 то соли 2021 ба сифати унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни фалсафа санаи 20.04.2019, №230, аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ), санаи 20. 05.2019, №4, ва ихтисоси ҳуқуқи граданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ санаи 13.12.2019, №3 дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Роҳбари илмӣ**: – Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мубрамии мавзуи (предмети) таҳқиқот.**

Мутобиқи тақсимоти маъмурию ҳудудӣ қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 3 вилоят – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, қисми шарқии ҷумҳурӣ, бо 8 воҳиди маъмурию ҳудудӣ, вилояти Суғд, қисми шимолии ҷумҳурӣ, бо 18 воҳиди маъмурию ҳудудӣ, вилояти Хатлон, қисми ҷанубии ҷумҳурӣ, бо 25 воҳиди маъмурию ҳудудӣ, шаҳри Душанбе, пойтахти ҷумҳурӣ, ки аз 4 ноҳия иборат мебошад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (бо 13 воҳиди маъмурию ҳудудӣ) ва 427 ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот тақсим шудааст. Ҳамаи онҳо субъектони ҳуқуқи гражданӣ буда, дорои молу мулки алоҳида мебошанд, вале самаранокии фаъолияти хоҷагидории онҳо ҳамчун молик назаррас нест. Онҳо то ҳол аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, худидоракунии маҳаллӣ наметавонад ба аҳолӣ дастрас будани хизматрасониҳои хушсифатро таъмин намояд. Чунин ҳолат талаботи рӯзафзуни иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаро пурра қонеъ гардонида наметавонад ва бинобар ин ислоҳоти идораи давлатиро мехоҳад. «Ин ислоҳот – ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – пеш аз ҳама бояд ба танзими идораи давлатӣ, мукаммалгардонии вазифаҳо, такмили сохтори вазоратҳо вобаста ба шароити иқтисоди бозорӣ, аз байн бурдани вазифаҳои такроршаванда, шаффофияту самаранокии фаъолияти сохторҳо ва хизматчиёни давлатӣ равона гардад».

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Риояи ин арзишҳои бунёдӣ дар нисбати моликияти давлатӣ таъсири худро расонидаанд. Демократӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад, ки воҳиди маъмурию ҳудудӣ ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки худро мақсаднок амалӣ намоянд, ташаббускор ва мустақил бошанд. Моликияти давлатӣ тибқи принсипи ду сатҳона ба вуҷуд омада (ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ), бинобар ин дар ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд асосӣ бошад. Чунин ҳолат тақозо менамояд, ки ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии

маҳаллӣ бояд ҷиҳати иҷрои дахлдори уҳдадориҳои худ дорои маблағҳои мутаносиб ва мустақилияти иқтисодӣ бошанд. Тибқи принсипҳои: «маблағ ва моликият баъд аз фароҳам овардани вазифаҳо» ва «бисёрсатҳии моликияти давлатӣ» Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳиди маъмурию ҳудудӣ бо дарназардошти зарурати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди инсон, ҷомеа ва давлат молу мулки худро доранд.

Назарияи бисёршаклии моликияти давлатӣ дар моддаҳои 1, 7, 12, 13 ва 77 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар боби 4 «Асосҳои иқтисодӣ ва молиявии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (м. 24–34) Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳавӣ эътироф шудааст ва амалияи татбиқи он тадқиқоти махсуси илмиро тақозо менамояд.

Пайдоиши ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар таърихи халқи тоҷик падидаи нав аст, вале танҳо аз лиҳози шаклгирии ҳуқуқӣ. Дар моддаи 52 Кодекси граждании Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия шаклҳои гуногуни моликиятро номбар карда, дар он моликияти мунисипалиро низ муайян мекунад. Чи тавре ки аз таърихи ҳуқуқи граждании Тоҷикистон маълум аст, соли 1924 дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт. Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон бо Қарори худ аз 27–уми ноябри соли 1924 эътибори ҳамаи қонунҳо, аз ҷумла Кодекси граждании Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия соли 1922, ки дар арафаи тақсимоти миллию давлатӣ амал мекарданд, нигоҳ дошт. Дар асоси Қарори сессияи Комитети Иҷроияи Марказии Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ аз 5–уми декабри соли 1929 Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шуд. КИМ ва ШКХ ҷумҳурии навтаъсис 19 – уми декабри соли 1929 Қарор «Дар бораи дар қаламрави Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба амал ҷорӣ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон» (таҳти № 42) қабул намуд. Ҳамин тавр, Кодекси граждании Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия амалӣ худро дар ҳудуди ҷумҳурии навтаъсис нигоҳ дошт.

Таърихи пайдоиш ва рушди моликияти коммуналӣ дар Тоҷикистон ба давраҳои зерин тақсим намудан лозим аст:

– Даври якум (солҳои 1922–1994) аз эътирофи ин намуди моликият дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия то қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 – уми ноябри соли 1994;

– Даври дуюм (солҳои 1994 – 1999) бо фаъолнокӣ ва нисбатан васеъ будани таъсисёбиву рушди моликият дар заминаи устувори моддию техникӣ фарқ мекунад. Дар ин давра ду хел тартиби ташаккулёбии моликияти коммуналӣ ба вуҷуд омад: а) дар заминаи моликияти тақсимшудаи давлатӣ; б) дар натиҷаи ислоҳоти низоми мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

– Даври сеюм аз соли 2000 оғоз гардида, то айни ҳол давом меёбад ва хусусияти хоси моликияти коммуналии даври ниҳоӣ васеъ будани доираи рушди он баҳисоб меравад.

Ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар баробари пош хӯрдани ИҶШС ва моликияти давлатии сотсиалистӣ, яъне пайдошавии давлатҳои нав дар фазои пасошӯравӣ ба вуҷуд омад. Назарияи «хазинаи ягона» ҳамчун асоси фаҳмиши моликияти давлатӣ таъсири пешинаи худро гум кард. Моҳияти ин назария дар он аст, ки бахши давлатии иқтисодиёт ҳамчун фабрикаи ягона фаҳмида мешуд, ки дар дохили он муносибатҳои оддии натуралӣ ҷой дорад. Давлат аз сару либоси мактабӣ ва истеҳсоли тухми мурғро ба нақша мегирифт, маблағгузорӣ мекард ва дар баъзе мавридҳо захира менамуд, вале талаботи истеъмолӣ, ҳисси зебопарастӣ, шароити ҷуғрофии маҳалро ба инобат намегирифт. Яъне муносибатҳои молию пулӣ ҷой дошт, аммо иқтисоди бозорӣ набуд.

Айни ҳол яке аз масъалаҳои муҳими ҳалталаби соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқоти маҷмӯии масъалаҳои танзими ҳуқуқии моликияти коммуналӣ ва муносибатҳои дигари молумулкӣ ҳамзамон дар заминаи сарчашмаҳои мавҷуда ва дар асоси қонунгузории амалкунанда муайян намудани мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба моликияти коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад.

Оид ба масъалаҳои таъсис, рушд ва такмили ҳуқуқи моликияти коммуналӣ, инчунин муносибати байни субъектони сатҳи гуногун дар марҳалаи аввал омӯхтани таҷрибаи кишварҳои дигар дар ин самт муҳим аст.

Ташаккулёбии моликияти коммуналӣ ва идораи хоҷагии коммуналӣ дар сатҳи маҳаллӣ барои пайдо шудани тасаввурот дар хусуси пайдоиш ва инкишофи ҷузъҳои таркибии гурӯҳи иқтисодии айни ҳол амалкунандаи «ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» кумак мерасонад.

Қонунгузории ҶТ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки мустақилона мазмуни муносибатҳои молумулкии худро тавассути шартномаву созишномаҳои гуногун муайян кунанд. Тағйир ёфтани консепсияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ, таъсисёбии ниҳодҳои нав оид ба муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон, ки ба моликият алоқаманд мебошад ва навгониҳои дигар дар қонунгузорӣ дарки нисбатан амиқи назариявии мушкилоти танзими ҳуқуқии муносибатҳои

молумулкии шаҳрвандонро дар заминаи қонунгузории такмилдодашуда ва консепсияҳои муосиртақозо менамояд. Тамоюли умумии тавсеаи ҳуқуқу озодиҳои шахсият дар соҳаи муайянсозии ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон оид ба моликияти ба онҳо тааллуқдошта зоҳир гардид.

Лекин санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбаргардидаи ҶТ хусусияти умумӣ доранд. Бар замми якхелакунии мафҳумҳо оид ба масъалаҳои вобаста ба моликият мафҳумҳои дар қонунҳои зикргардида истифодашударо нав кардан мувофиқи мақсад мебошад. Чунин навкунӣ бояд ба тариқи қонунҳои байналмилалии умумиэътирофгардида санҷида шаванд. Мушкилоти якхелакунии мафҳумҳо, ки дар оғоз дуюм дараҷа ба назар мерасад, айни ҳол хеле муҳим мебошад.

Бо мақсади амиқ дарк намудани мушкилоти тадқиқшаванда омӯзиши чунин масъалаҳо, ба монанди асосноккунии табиати ҳуқуқии муносибатҳои молумулкӣ ва моликияти шаҳрвандон, аз ҷумла ҳуқуқи моликияти коммуналӣ, муқаррар намудани заминаи ҳуқуқӣ, муайянсозии хусусиятҳои ҳайати субъективӣ зарур мебошад. Барои ҳалли масъалаи мазкур ва масъалаҳои дигар ҷиҳати ошкор намудани камбудиву норасоиҳои танзими ҳуқуқии мавзӯи тадқиқшаванда ва татбиқи дурусти меъёрҳои қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда дарки танқидии қонунгузории танзимкунандаи масъалаҳои вобаста ба моликият муҳим мебошад.

Мушкилоти танзими ҳуқуқии моликияти коммуналӣ дар Тоҷикистон то ҳол мавриди тадқиқоти пурраи илмӣ қарор дода нашудаанд, асарҳои алоҳидаи ба мушкилоти мазкур ё масъалаҳои моликият бахшидашуда ё нопурраанд ё аз бисёр ҷиҳат кӯҳна шудаанд, аз ин рӯ, ба мафҳуми муосири моликият мутобиқ нестанд.

Шакли хусусии моликият мафҳуми ҷомеъ ё умумӣ шуморида мешавад. Биноан, дар қонунгузорӣ он ҳамчун яке аз аввалин шаклҳои моликияти ҳар гуна шахсони ғайримаъмул, коллективӣ ё фардӣ қайд мегардад. Аз ин ҷиҳат он ба муқобили хусусигардонӣ эъмори моликияти коммуналӣ ё давлатӣ гузошта мешавад.

Танҳо баъзеи онҳо моликони комилҳуқуқи хусусӣ эътироф мегардиданд, моликияти хусусӣ бошад, ҳамчун имтиёзи шахсони воқеии алоҳида баррасӣ карда, аз моликияти субъектони коллективӣ ҷудо карда мешуд.

Якум, таносуби моликияти хусусӣ ва давлатиро муқаррар намудан лозим аст; дуюм, соҳаи субъектони ҳуқуқи моликияти коммуналиро таҳлил кардан даркор аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо сабаби он ки дар қонунгузорӣ камбудиву норасоиҳо дида мешаванд, аксарияти масъалаҳо пурра ҳалли худро наёфтаанд. Бечунучаро, қисми зиёди муқарраротҳои қонунгузорӣ

боиси пайдо шудани мушкилоти нав дар амалияи татбиқи ҳуқуқ мегарданд, заминаи илмии мавҷуда бошад, барои ошкор намудани норасоиву камбудиҳои қонунгузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳои ба такмили он равонагардида кофӣ нестанд, бинобар ин, ҳангоми татбиқи қонунгузорӣ зарурати таҳия кардани тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба миён меояд.

Аз ин рӯ, мушкилоти мазкурро дар заминаи вазъи воқеии ҳуқуқии ҶТ ба таври амиқ омӯхта, таҳлили муқоисавии меъёрҳои қонунгузории ҶТ ва давлатҳои хориҷӣ оид ба масъалаҳои дахлдорро анҷом додан лозим аст, ки то ҳол дар назарияи ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Ҳамаи ин ҳолатҳо ба зарурати такмил додани заминаи назариявии танзими ҳуқуқии моликият ишора мекунанд.

Барои анҷом додани ин кор таҳлили ҳаматарафаи мушкилоти ба танзими ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар Тоҷикистон вобаста анҷом дода шуда, хусусиятҳои марҳалаҳои таърихии рушди ниҳоди низоми ҳуқуқии моликият дар ҶТ, пайдошавӣ, мафҳуми ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ва нақши он дар низоми ҳуқуқҳои моликият, тадқиқи моҳияти ҳуқуқии моликияти коммуналӣ, таҳлили мушкилоти ҳуқуқӣ, муайян намудани ҳаҷми ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба моликияти ба онҳо тааллуқдошта ва таҳлили масъалаҳои ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳамчун молик пайдошуда назари танқидӣ ба қонунгузории танзимкунандаи масъалаҳои таҳти тадқиқ қароргирифта, ошкор намудани норасоиҳои дар танзими ҳуқуқии ин гуна муносибатҳо ҷойдошта ва таҳияи тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба татбиқи қонунгузорӣ ва омода намудани пешниҳодҳои такмили он вобаста ба масъалаи тадқиқшаванда муҳим мебошад.

Бинобар ин, таҳқиқоти илмии масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар ҳуқуқи гражданини Тоҷикистон падидаи инноватсионӣ мебошад. Натиҷаҳои асосии илмӣ ба рушди минбаъдаи ҳуқуқи гражданӣ ва такмили механизми танзими ҳуқуқии он мусоидат мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори тадқиқотиву ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии тадқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар ҶТ масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ба тадқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани тадқиқоти комплексии масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ба амал бароварда шудааст.

**Мақсад ва вазифаи тадқиқот.** Ба мубрамияти мавзӯи тадкиқшаванда такя намуда, ворид намудани донишҳои нав, ки дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ коркард шудааст, максади асосии тадқиқотро ифода мекунад.

Вобаста аз мақсади гузошташуда, **вазифаи тадқиқот** инҳо мебошанд:

– омӯзиши пайдоиши моликияти коммуналӣ;

– муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ;

– тадқиқи субъектҳои он;

– таҳлили объектҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ;

– омӯзиши мазмуни ҳуқуқи моликияти коммуналӣ;

– таҳлили илмии хусусигардонии моликияти коммуналӣ;

– муқаррар намудани воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории ҶТ дар соҳаи тадқиқшаванда.

**Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии** дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи судӣ, инчунин қонунгузории гражданӣ давлатҳои алоҳида оид ба ҳуқуқи моликияти коммуналӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 5 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар нашриҳои дигар бо забонҳо тоҷикӣ ва русӣ ба табъ расонидааст. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Маводи таҳқиқот дар маърӯзаҳои муаллиф дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ зерин инъикос ёфтаанд: конфенренсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Конститутсияи ҶТ: назария ва амалияи татбиқи он» (29 ноября соли 2009, ш. Душанбе); «Забон ва сифати қонун» (22 июни соли 2010, ш. Душанбе); «Истиқлолияти давлатӣ ва масъалаҳои таҳқиқоти фалсафӣ – ҳуқуқӣ» (24 июни соли 2011, ш. Душанбе); «Конститутсияи ҶТ ҳамчун роҳнамои давлати соҳибистиқлол» (2 ноябри

соли 2010, ш. Душанбе); «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, сайёҳӣ дар даврони истиқлолияти давлатии ҶТ» (18 майи соли 2018, ш. Душанбе), «Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи граждании дар ҶТ» (8 июни соли 2019, ш. Душанбе).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо дараҷаи навовариҳои илмии диссертатсия, муқарраротҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад, бо мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳои муаллиф дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмию амалӣ, инчунин бо коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйирот ва иловаҳо ба он тасдиқ мегарданд. Инчунин тарзи ифода кардан, гузоштани масъалаҳо ва услубшиносии рисола саҳми шахсии муаллии диссертатсияро тасниф мекунад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба **Шӯрои**

диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 10 январи соли 2023, тахти №351) аз 23 январи соли 2023.

**Раиси маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳимзода М.С.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонов Қ.Б.

**Муқарризи №1:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муовини директори Маркази миллии
қонунгузории назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадшозода Ф.А.

**Муқарризи №2:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қодиров Н.А.

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«23» январи 2023 с.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН • TAJIK NATIONAL UNIVERSITY • УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

**Имзои Маҳмадшозода Ф.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Бахши кадрҳо ва коргузории**
**Маркази миллии қонунгузории**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Фаттоев М.С.**
**«24» январи 2023 с.**

... ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • БАХШИ КАДРҲО